## ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ ба рисолаи номзадии Қодирова Дилноза Лутфуллоевна дар мавзӯи “Нақши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-уми садаи XX” барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик, Душанбе, 2019.**

Рисолаи муҳаққиқи ҷавон Қодирова Д.Л. дар муайян намудани ҷойгоҳи маҷаллаи “Садои Шарқ” дар ташаккули нақди адабии солҳои 70-90-уми садаи XX тадқиқоти пурарзиш ва муҳим мебошад. Зикр кардан ҷоиз аст, ки маҷаллаи “Садои Шарқ” аз зумраи барҷастатарин нашриёҳои илмию адабӣ буда, бахше аз мутолиоти он ба масоили нақди адабӣ ихтисос дода шуда, мунақидон ва муҳаққиқони он аз пешгомони танқиди адабӣ дар адабиётшиносии муосири тоҷик ба шумор меравaнд. Масоили танқиди адабиро дар фаъолияти маҷаллаи “Садои Шарқ” дар солҳои 70-90-уми садаи XX мавриди пажӯҳиш ва омӯзиш қарор додани муҳаққиқи ҷавон Қодирова Д.Л. бесабаб набуда, он аз фаъолияти босамари маҷалла дар бахши танқиди адабӣ бозгӯӣ менамояд. Дар ин давраи мавриди пажӯҳиш маҷаллаи “Садои Шарқ” аз ҳама гуна таъсироти сиёсиву мафкуравӣ нисбатан раҳо ёфта, равандҳои адабӣ ва осори илмиву бадеӣ нисбат ба давраҳои қаблӣ воқеъбинона мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудааст. Аз ҳамин назар мавзӯи пажуҳишии мазкур дорои аҳамияти бузурги илмӣ ва таърихӣ мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки танқиди адабӣ дар солҳои 70-90-уми садаи XX василаи муҳимтарини омӯзиш ва пажӯҳишиест, ки ҳар гуна дигаргуниҳоро дар мазмуну ғояҳо, мавзӯю мушкилот, жанру услубҳои адабиёт ва биниши бадеии адибон ба таври фаврӣ мавриди мушоҳида қарор дода, барои муайян намудани моҳияти рӯйдодҳои адабию илмӣ талош намуда, ба майдони муҳокимаю мубоҳиса бархоста, ба-дин тариқа ҷиҳати пешрафти адабиёт, барои вазифаҳои иҷтимоии худро иҷро намудан фаъолона мубориза мебарад. Ин гуна иқдомоти созандагию бунёдкории дар фаъолияти маҷаллаи “Садои Шарқ”, хосатан дар бахши нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ метавонад барои ба вуҷуд омадани мактаби илмию пажӯҳишӣ мусоида намояд.

Ҷойи тазаккур аст, ки аввалин мақолаҳои танқидӣ ҳанӯз дар нимаи дуюми солҳои 20-уми садаи XX аз ҳамин маҷаллаи илмӣ-адабӣ оғоз ёфта, он маҳз ба робитаи устувори талаботи нави илмӣ бо муҳимтарин дастовардҳои адабиётшиносӣ дар замони шӯравӣ роҳ кушод. Мавриди зикр аст, ки тамоми мунаққидон, муҳаққиқон, муаррихон ва адибон аз маводди

интиқодии маҷаллаи “Садои Шарқ” ба ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқи илмӣ ва бо биниши танқидӣ нигоҳ кардан ба афкори ғоявию бадеии осори илмию адабӣ омӯтаанд. Бинобар ин месазад, ки маҷаллаи “Садои Шарқ”-ро дар тӯли мавҷудияташ ҳамчун минбари эҷодкорон ва мунақидон ҳисобида, саҳми онро дар ташаккули танқиди адабӣ ва адабиётшиносии муосир махсус таъкид намоем.

Ҳамзамон барои дар оянда таҳқиқ намудани марҳилаҳои гуногуни таърихи ташаккули танқиди адабӣ ва адабиётшиносии замони Истиқлол таҷрибаи маҷаллаи “Садои Шарқ” ҳамчун мактаби илмию эҷодӣ хизмат хоҳад кард.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар рисола вобаста ба дигаргуниҳои таърихию адабӣ баррасии ҳамаҷонибаи моҳияти иҷтимоию эстетикии адабиёт ба назар гирифта шудааст, ки ин ин гуна равиши таҳқиқ муҳаққиқи ҷавонро ба шинохти воқеии равандҳои аилмию адабӣ дастёб намудааст. Муҳаққиқро лозим меомад, ки ҳар гуна дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабиро табақабандӣ намуда, онҳоро дар муайян намудани ҳудуди давраҳои инкишофи адабиётшиносиву накди адабӣ ҳамчун меъёри асосӣ истифода менамуд. Бо вуҷуди ин муҳокима ва мушоҳидаҳо муҳаққиқро водор намудааст, ки тарзу усули ҳалли масоили мавриди таҳқиқро бо дарназардошти дастовардҳои тозаи афкори таърихию адабӣ дар алоқамандӣ бо ҷараёни ташаккули равандҳои адабӣ, аз ҷумла накди адабӣ таҳлилу баррасӣ намуда, дар ин замина вижагиҳои хоси онҳоро муайян намудааст, ки инро яке аз дастовардҳои муҳими рисолаи мазкур метавон арзёбӣ намуд.

Яке аз дастовардҳои муҳимтарини рисолаи мазкур дар он аст, ки муҳақиқ бори аввал дар заминаи маводди интиқодие, ки дар солҳои 70-90-уми садаи XX дар мақаллаи “Садои Шарқ” чоп шудааст, масъалаҳои умумии назарии накди адабии тоҷик дар ҳудуди давраи мушаххас, худогоҳии накд, накди назму наср, жанрҳо ва сабки онро таҳлилу баррасӣ намуда, ба натоиҷи хеле назаррас дастёб гардидааст.

Муҳаққиқи рисола ба давраи мушаххаси фаъолияти маҷаллаи “Садои Шарқ” маҳдуд шудааст ва ин равиши таҳқиқ давраи пажӯҳиширо аз замони қаблӣ ва даврони баъдии фаъолияти маҷалла ҷудо ва муҷаррад нишон додааст, ки ин маҳдудият баъзе норушаниҳоро дар шинохти равандҳои адабӣ оварда расонидааст.

Рисолаи Қодирова Дилноза Лутфуллоевна “Накши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар накди адабии тоҷикии солҳои 70-90-уми садаи XX” унвон дошта,

он аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат буда, онро аз рӯи маводди пажӯҳишӣ ва ҳалли амиқи масоили мавриди таҳқиқ тадқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобидан мумкин аст.

Муқаддимаи рисола тибқи муқарраросте, ки муайян шудааст, таҳия шуда, дар он аҳамият ва дараҷаи омӯзиши мавзӯи тадқиқотӣ, ҳадаф ва вазифаҳои рисола, аҳамияти илмию амалии тадқиқот, навоврӣ ва масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, хеле муҳим ва амиқ нишон дода шудааст.

Боби якуми рисола “Масъалаҳои назарӣ ва методологии нақди адабӣ дар маҷаллаи “Садои Шарқ” унвон дошта, он аз се зербоб иборат мебошад. Муҳаққиқ дар ин боб масоили сиёсати адабӣ ва равишҳои инкишофи нақди адабӣ, жанрҳои нақди адабӣ ва махсусиятҳои таҳлили онҳо, нақди нақд нақд ва моҳияти ҳунарии онро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муҳаққиқ дар ин боб кӯшидааст, нақди замони мариди тадқиқро бештар ба дастуру супоришҳои дастгоҳҳои мафкуравӣ маҳдуд намуда, ин равандро як падидаи номатлуб муаррифи намояд. Муҳаққикро ин фаҳмиш имкон надодааст, ки ҷанбаҳои мусбии сиёсати замонро дар танзими равандҳои пажӯҳишӣ, таҳқиқи арзишҳои илмию эҷодӣ ва вижагиҳои хос пайдо намудани нақди адабӣ дида тавонад.

Ҳамчунин дар ин боб ташаккули жанрҳои нақди адабӣ ва дар ин замина вижагиҳои нав пайдо намудани онҳо аз назари муҳапққиқ дар канор мондааст. Масалан, яке аз жанрҳои маъмули нақди адабӣ, ки онро муҳаққиқи бо истилоҳи “чеҳранигорӣ” ном мебарад, дар давраи пажуҳишӣ “портретҳои адабӣ”(истилоҳи академик М. Шакурӣ), мусавварияҳои эҷодӣ (истилоҳи А. Абдуманнонов) ва чеҳранигорӣ(истилоҳи Д.Қодирова) ном гирифтааст. Ин гуна тағирот дар унвони жанрҳои адабӣ хеле зиёд ба назар мерасад, вале аз рисола маълум нагардид, ки ин гуна тағирот ба моҳият ва вазифаи жанрҳои адабӣ таъсире расонидааст, ё не.

Боби дуюми рисола “Нақди шеър ва хусусиятҳои он” унвон дошта, дар он масоили равиши нақди мавзӯиву ғоявӣ ва жанрӣ, хусусиятҳои бадеии шеър ва нақди он мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Муҳаққиқ ба хулосае меоянд, ки дар давраи мавриди назар осори илмию бадеӣ бештар аз назари мавзӯъ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ин раванд дар солҳои 70-80-уми қарни XX ба як анъанаи нақди адабӣ расида буд. Мутаассифона, сабаби доман паҳн кардани нақди мавзӯӣ дар маҷаллаи “Садои Шарқ” норавшан ва сатҳӣ баррасӣ шудааст.

Боби сеюми рисола “Накди насри бадей ва равишҳои ҳунарии он” унвон дошта, он аз баррасии масоили тамоюлҳои ғоявию иҷтимоии накди наср, қаҳрамони насри бадей ва мушаххасоти он, накди ҷустуҷӯҳои бадей ва сабки нависандагон иборат мебошад. Дар ин боб муҳаққиқ аз нав ба равандҳои сиёсати замон ва фаъолияти худкомагии дастгоҳҳои таблиғотию мафкуравӣ дахл карда, сабаби костагии забони аср, қолабӣ будани симои қаҳрамонони асосии асарҳои насриро вобастаи фаъолияи кӯр-кӯронаи ин дастгоҳҳои таблиғотию мафкуравӣ медонад, ки ин масъала низ ба тадқиқи амиқ ва воқеӣ ниёз дорад.

Дар нисбати фишурдаи рисолаи мазкур ҳаминро қайд кардан ба маврид аст, ки он моҳияти рисолаи мазкурро пурра ифода мекунад ва сабку забони он ҳам ба талаботи илмӣ ҷавобгӯй мебошад. Бо вуҷуди ин дар фишурда баъзе ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва забонӣ ба назар мерасад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар адабиётшиносии муосир бори аввал нақши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-уми садаи XX дар шакли рисолаи алоҳида таҳқиқ шуда, рисола дар пажӯҳиши масъалаҳои алоқаманд ба накди адабӣ аз ҷиҳати илмӣ пажӯҳиши тоза ва анҷомёфта мебошад.

Бо вуҷуди ин дастовардҳо дар тадқиқоти мазкур баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ ба назар мерасад:

1. Ба назари мо, накди адабӣ бояд ҳамчун жанри адабии мустақил бояд дар радифи насру назм дар боби алоҳида тадқиқ мегардид.

2. Марҳилаҳои асосии ташаккули накди адабӣ ва фарқияту умумияти онҳо бояд дар рисола ба тавri муқоиса муайян карда мешуд.

3. Мубоҳисаи адабӣ, ки онро муҳаққиқ ҳамчун жанр эътироф менамояд, дар давраи таҳқиқ аҳамияти бештар пайдо карда буд. Муҳаққиқ бояд ба мубоҳисаи баъзе адибон ва мунаққидон таваҷҷуҳ намуда, дар нисбати онҳо назари худро иброз менамуд.

4. Ҳамчунин дар фишурдаи тоҷикии рисола баъзе ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва забонӣ ба назар мерасад.

Нуқсонҳои ҷузъии ишорашуда ҳеч гоҳ сатҳи илмии рисолаи мазкурро коҳиш намедиҳад ва умедворем, ки аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтани онҳо боиси такмил ёфтани сатҳи илмии тадқиқоти анҷомдодашуда хоҳад гашт.

Умедворем, ки ин рисола ба сифати як асари тадқиқотиву таҳқиқӣ дар мавзӯи адабиётшиносӣ барои муҳаққиқини соҳаи забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, назмшиносӣ ва каломи бадеъ судманд ва ҷиҳати боз ҳам дақиқ омӯхтану баррасӣ намудани ин равандҳои адабӣ мусоидат хоҳад кард.

Рисолаи Қодирова Дилноза Лутфуллоевна таҳти унвони "Нақши маҷаллаи "Садои Шарқ" дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-уми садаи XX" ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта , комилан ба меъёри рисолаи номзадӣ мутобиқат буда, ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**мудири кафедраи забони тоҷикии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Одинаев Нурмахмад Сафарович**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.**
**E - mail: odinaievn@mail.ru**
**Сомонаи муассиса: www.tut.tj**
**Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.**
**Факс: (+992-37) 2-34-49-88.**

**Имзои мудири кафедраи забони тоҷикӣ**
**Одинаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Бухориев Н.А.**

**30.07.2019.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ